**ПРОТОКОЛИ № 53.2**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 30.03.2026** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар

**Муовини раиси шуро:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Бобоҷониён Д.Д

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем. Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, № 289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд, ки 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ)

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҳимов А.А. ва аъзои комиссия, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Абдуқодирӣ Х.А., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исмоилов М.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати вилояти Суғд)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати

вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати вилояти Суғд)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Низомова Тухфамо Давлатовна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи милли Тоҷикистон;

- Бобозода Меъроҷ – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт, дотсент, мудири шуъбаи омӯзиши таҳсилоти фосилавии МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар Хуҷанд»

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 13 июни соли 2026, соати 12:00 муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 10 нафар, муқобил нест; бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Бобоҷониён Д.Д.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и., дотсент** **Саиджонов С.Ш.**